# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ. ш. Душанбе, 2025 сол**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №15/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф» яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба шумор меравад, ки ҳам дар сатҳи назариявӣ ва ҳам дар сатҳи амалии ҳуқуқтатбиқнамоӣ дорои аҳаммияти бузург мебошад. Дар замони муосир нақлиёт на танҳо воситаи ҳаракат, балки яке аз унсурҳои муҳимми инфрасохтори миллӣ, иқтисодиёт ва амнияти иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад. Бо суръат афзояндаи рушди иҷтимоиву иқтисодӣ, зиёдшавии шумораи воситаҳои нақлиёт, вусъати шабакаи роҳҳо ва тавсеаи имкониятҳои техникии истифодабарии онҳо, масъалаи таъмини тартиботи ҳуқуқӣ дар соҳаи истифодаи нақлиёт аҳаммияти фавқулода пайдо намудааст.

Таҳлили воқеияти имрӯза нишон медиҳад, ки дар баробари мусоидатҳои иқтисодию иҷтимоӣ, зиёдшавии шумораи воситаҳои нақлиёт боиси афзоиши намудҳои нави ҷиноятҳои вобаста ба онҳо гардидааст. Яке аз онҳо – ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар амалияи судӣ ва тафтишотӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд. Гарчанде ки чунин кирдор аз рӯи дараҷаи хавфи ҷамъиятӣ сабуктар аз дуздӣ ё роҳзанӣ ба назар мерасад, аммо оқибатҳои он метавонанд вазнин ва фарогир бошанд. Чунин кирдорҳо на танҳо ҳуқуқи моликияти шаҳрвандонро поймол мекунанд, балки боиси халалдор гардидани тартиботи ҷамъиятӣ, амнияти ҳаракат дар роҳ ва ҳатто боиси фоҷиаҳои инсонӣ мегарданд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он нақлиёт нақши калидӣ дар иқтисод, тиҷорат, амният ва иртиботи иҷтимоӣ дорад, чунин ҷиноятҳо таъсири манфии амиқ мегузоранд. Аз як тараф, онҳо ба рушди муътадили муносибатҳои моликиятӣ халал мерасонанд, аз ҷониби дигар, ба ҳисси

боварии шаҳрвандон ба ҳимояи моликияти шахсӣ ва фаъолияти муассирии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таъсири манфӣ мерасонанд.

Дар ҳамин замина, моддаи 252 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар намудааст. Бо вуҷуди ин, амалияи татбиқи он нишон медиҳад, ки дар шарҳи мазмун, ҳудуд ва аломатҳои таркибии ҷинояти мазкур як қатор ихтилофоти назариявӣ ва амалӣ вуҷуд доранд. Аз ҷумла, фарқгузории ҳай карда бурдан аз дуздӣ, ғоратгарӣ ё роҳзанӣ, муайян намудани мақсади шахси гунаҳгор, арзёбии дараҷаи зарар, инчунин муайянсозии ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷинояти мазкур дар амалияи судӣ бо мушкилиҳои ҷиддӣ рӯ ба рӯ мешаванд.

Бо назардошти сатҳи афзояндаи нақлиёт, тағйироти технологияҳои муосир, ҳамчунин афзоиши ҳолатҳои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт, зарурати таҳқиқи илмию амалии ин масъала боз ҳам бештар эҳсос мегардад. Набудани фаҳмиши ягона дар маънидодсозии баъзе аз аломатҳои таркиби ин ҷиноят метавонад боиси нодуруст бандубаст шудани кирдорҳои муайян гардад.

Ҳамин тариқ, мубрамияти мавзӯъ аз он иборат аст, ки: масъалаи ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт дар шароити имрӯза бо афзоиши сатҳи ҳаракат ва техникаҳои муосир дар ҷомеа робитаи мустақим дорад; он ба ҳифзи ҳуқуқи моликият, амнияти ҷамъиятӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ таъсири мустақим мерасонад; дар амалияи ҳуқуқӣ ихтилофоти назариявӣ ва амалӣ дар таъриф ва татбиқи меъёрҳои марбут ба моддаи 252 КҶ ҶТ боқӣ мемонанд;

Аз ин рӯ, таҳқиқи мавзӯи мазкур на танҳо аҳаммияти назариявӣ дорад, балки барои такмил додани фаъолияти ҳуқуқтатбиқнамоӣ, баланд бардоштани сатҳи адолати судӣ ва таъмини ҳифзи ҳуқуқи моликиятии шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муҳим мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навоварии илмии таҳқиқоти мазкур пеш аз ҳама дар он ифода меёбад, ки дар доираи он бори аввал дар илм ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф аз дидгоҳи назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалияи судӣ ба таври ҳамаҷониба ва мукаммал таҳқиқ шудааст.

Дар ин диссертатсия нахустин маротиба таҳлили амиқи хавфнокии ҷамъиятии ин ҷиноят сурат гирифта, бо истинод ба хусусиятҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоии он асоснок карда мешавад, ки ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт аз рӯи моҳият ва табиати ҳуқуқӣ ба гурӯҳи ҷиноятҳо ба муқобили моликият мансуб аст, на ин ки ба ҷиноятҳо ба муқобили тартиботи ҷамъиятӣ. Ин мавқеи илмӣ имкон медиҳад, ки табиати воқеии ин кирдор аз дидгоҳи ҳифзи ҳуқуқи моликият ва арзёбии сатҳи хавфнокии иҷтимоии он аниқтар муайян гардад.

Дуюм, навоварии муҳим дар он аст, ки моддаи 252 Кодекси ҷиноятии

Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тамоми амалияи татбиқи он дар шакли таҳқиқоти мукаммали диссертатсионӣ таҳлил гардидааст. Агар то имрӯз дар адабиёти ҳуқуқии миллӣ чунин таҳқиқоти мустақил вуҷуд надошта бошад, ин асар бо истифода аз таҳлили муфассали назария, таҷрибаи судӣ ва қонунгузории муқоисавӣ ин холигиро пур мекунад.

Сеюм, дар ин таҳқиқот нахустин бор низоми илмӣ-асосноки аломатҳои таркибии ҷиноят таҳия гардида, робитаи мантиқӣ ва ҳуқуқии онҳо бо дигар унсурҳои таркиби ҷиноят, аз ҷумла аломатҳои субъективӣ ва объективӣ, мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки баъзе унсурҳои мавҷуда дар амалияи судӣ ба таври ягона фаҳмида намешаванд ва пешниҳодҳои нав оид ба такмили меъёрҳои моддаи 252 КҶ ҶТ, бо дарназардошти таҷрибаи қонунгузории давлатҳои дигар, пешниҳод мегарданд.

Чаҳорум, навоварии дигари илмӣ дар таҳияи пешниҳодҳои амалии ҳуқуқӣ ифода меёбад, ки онҳо ба такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ ва амалияи судӣ равона шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Асоснокkунии хулосаҳо ва пешниҳодҳои таҳқиқот аз натиҷаҳои омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ вобаста ба ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф бармеояд. Ин рисола яке аз аввалин таҳқиқоти мукаммалу системавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, масъалаи мазкурро аз дидгоҳи назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалияи судӣ мавриди таҳлил қарор додааст.

Таҳқиқот бар заминаи омӯзиши амиқи қонунгузории миллӣ ва муқоисаи он бо таҷрибаи қонунгузории кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Россия, Қазоқистон, Узбекистон, Украина ва Олмон анҷом дода шудааст. Ин муқоиса имконият фароҳам овард, ки нуқсонҳо ва афзалиятҳои модели миллии ҳуқуқи ҷиноятӣ ошкор гардида, пешниҳодҳои илмӣ барои такмили моддаи 252 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шаванд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз истифодаи усулҳои умумии илмӣ ва махсуси ҳуқуқшиносӣ, аз қабили таҳлили мантиқӣ, муқоисавӣ, системавӣ-сохторӣ ва таърихӣ, таъмин мегардад. Дар ҷараёни кор манбаъҳои гуногун – қонунгузории амалкунанда, адабиёти илмии миллӣ ва хориҷӣ, маводи таҷрибаи судӣ ва маълумотҳои оморӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд, ки ин ба устувории асоси назариявӣ ва амалии таҳқиқот мусоидат намуд.

Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳодҳо ва хулосаҳои таҳқиқот дар асоси таҳлили амиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои меъёрии байналмилалӣ, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ба даст омадаанд. Барои таҳкими эътимоднокӣ, маводи воқеии парвандаҳои ҷиноятӣ, таҷрибаи судӣ ва маълумотҳои оморӣ низ истифода шудаанд.

Дар маҷмуъ, рисола дорои пояи устувори назариявӣ ва таҷрибавӣ

буда, хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда бо далелҳои воқеӣ, таҳлили илмӣ ва асоси ҳуқуқӣ тасдиқ мегарданд. Ин омилҳо эътимоднокии илмӣ ва амалӣ будани натиҷаҳои таҳқиқотро пурра таъмин менамоянд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори рисолаи илмии Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 190 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима зарурати интихоби мавзуъ бо такя ба аҳаммияти назариявӣ ва амалии он асоснок карда мешавад. Дар ин қисм масъалаҳо ва мушкилоте, ки дар назария ва амалияи татбиқи таркиби ҷинояти м.252 КҶ ҶТ вуҷуд доранд, возеҳ нишон дода шудаанд.

Ғайр аз ин, дар муқаддима мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети омӯзиш, навовариҳои илмии бадастомада ва аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот ба таври дақиқ муайян ва тавзеҳ дода шудаанд, ки ин ҳама самти асосӣ ва арзиши илмии кори диссертатсиониро муайян месозанд.

**Дар боби якум «Тавсифи таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавии меъёр оид ба ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф»**, ки аз ду зербоб иборат мебошад, масъалаҳои зерин баррасӣ ва мавриди омузиш қарор дода шудааст: инкишофи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ғайриқонунӣ ҳай карда бурадани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар замони шуравӣ ва пас аз шуравӣ; тавсифи муқоисавии ин ҷиноят дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ.

Аз ҷумла муаллиф дар боби мазкур қайд менамояд, ки то қабули КҶ ҶШС Тоҷикистон 1961 сол меъёри махсуси пешбиникунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт муқаррар нашуда буд. Ин пеш аз ҳама аз он вобастагӣ дошт, ки воситаҳои нақлиёт дар ИҶШС ба таври оммавӣ паҳн нашуда буданд.

То қабули КҶ ҶШС Тоҷикистон 1961 сол меъёри махсуси пешбиникунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт муқаррар нашуда буд. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ва сайр кардан бо он аз руйи қиёс ба вуҷуд меомад, гунаҳгорро аз руйи ҷиноятҳои авбошӣ, худсарӣ ва баъзан барои тасарруф намудани моликияти давлатӣ ё ҷамъиятӣ ба ҷавобгарӣ мекашиданд (саҳ.30).

Аввалин бор дар таърихи қонунгузории ҷиноятии ҶТ ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт дар КҶ ҶШС Тоҷикистон, аз 17–уми августи соли 1961, дар моддаи алоҳида мустаҳкам гардидаст (саҳ.20).

Муаллиф дар доираи боби мазкур, инчунин раванди такмил дода шудани ҷавобгариро барои ҷинояти мазкур пайгирӣ намуда, санадҳои дахлдори дар ин самт қабулшударо, аз ҷумла Указі Президиуми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 30 декабри соли 1982, Укази Президиуми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 4 декабри соли 1985 мавриди таҳлил қарор додааст (саҳ.26, 27).

Дар ин боб, инчунин масъалаҳои тавсифи муқоисавии меъёр оид ба ғайриқонунӣ ҳай карда бурадани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ таҳлил гардидааст. Дар КҶ давлатҳои пасошуравӣ таркиби ҷиноятӣ мазкур асосан монанд ба назар мерасад. Фарқият танҳо дар ҳолатҳои зерин ба назар мерасад: дар қонунгузории баъзе аз давлатҳо тарафи объективии ин ҷиноят тавассути ибораҳои «ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт» ва «рабудан» (Қазоқистон, ФР, Белорус, Қирғизистон, Туркманистон), танҳо ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт бе нишон додани рабудан (Украина) муайян шудааст.

Ба андешаи муаллиф мавқеи давлатҳое, ки тарафи объективии ин ҷиноятро тавассути ибораи «ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт» ва «рабудан» муайян месозанд, бештар асоснок ба назар мерасад. Зеро муайян намудани таҷовуз ба воситаи нақлиёт ҳамчун ҷинояти молу мулкӣ тавассути мафҳуми «соҳиб шудан ба воситаи нақлиёт» пурратар манфиатҳои моликро нисбат ба мафҳуми «ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт» ҳифз менамояд. Барои ҳифзи воситаи нақлиёт ҳамчун ҷиноят ба муқобили моликият муҳим на ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан, балки ғайриқонунӣ соҳиб шудан ба он ба ҳисоб меравад (саҳ.45).

**Дар боби дуюми** ин таҳқиқот **«Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф»** ба таҳлили объект ва предмет, аломатҳои объективӣ ва субъективии таркиби ҷинояти мазкур бахшида шудааст.

Муаллиф дар доираи ин боб объекти хелӣ, намудӣ ва объекти бевоситаи ҷиноятҳои мазкурро таҳлил намуда, ба таври асоснок баён медорад, ки «дарки табиати ҳуқуқӣ, ба ҷамъият хавфнокии кирдор, дуруст бандубаст намудани он, фарқ намудани як ҷиноят аз ҷинояти дигар муайян намудани объекти ҷиноят аҳамияти калон дорад» (саҳ. 48).

«Объекти хелии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт муносибатҳо дар соҳаи иқистодиёт эътироф мешавад.

Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар боби 26 «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» ҷой гирифтааст, ки аз ин ҷо ба сифати объекти намудии он муносибатҳои моликиятӣ баромад менамоянд» (саҳ.51).

Ба андешаи муаллиф «ба сифати объекти бевоситаи ҷинояти мазкур эътироф гаштани муносибатҳо доир ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани воситаи нақлиёти мушаххас бештар қобили қабул мебошад. Чунки ҳангоми содир шудани ҷинояти мазкур молик амалан муваққат

бошад ҳам ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани моликияти худро аз даст медиҳад. Новобаста аз муваққатан аз ҷониби молик аз даст додани имконияти соҳибӣ ва ихтиёрдорӣ намудан ба воситаи нақлиёт ҳуқуқҳои моликиятии ӯ халалдор мешаванд» (саҳ.57).

Предмети ҷинояти мазкурро таҳлил намуда, муаллиф дар асоси таҳлили парвандаҳои ҷиноятӣ ба таври асоснок зикр менамояд, ки Камбудие, ки ҳангоми бандубасти ҷиноят аз рӯйи м.252 КҶ ҶТ ҷой дорад аз он иборат аст, ки чӣ мақомоти тафтишот ва чӣ судҳо ҳангоми баровардани ҳукм бе мушаххасгардонии предмети ҷиноят ба ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт ишора менамоянд, яъне аломати **«ё дигар воситаи нақлиёт»**-ро барзиёд нишон медиҳанд, ки ин ба бандубасти кирдори мушаххас мувофиқат намекунад» (саҳ.66).

Аломатҳои тарафи объективии таркиби ҷинояти м.252 КҶ ҶТ-ро таҳлил намуда муаллиф ба таври асоснок пешниҳод менамояд, ки «дар диспозитсияи м.252 КҶ ҶТ калимаи «ғайр» нисбат ба автомобил ё дигар воситаи нақлиёт илова карда шавад. Чунки аломати «ғайриқонунӣ» бештар ба худи предмети ҷиноят мансуб буда ифодагарӣ он аст, ки воситаи нақлиёт ба гунаҳгор таълуқ надорад, барои ӯ бегона мебошад. Дар акси ҳол масалан, бе шаҳодатномаи ронандагӣ, дар ҳолати мастӣ ва ғайра ҳай карда бурдани воситаи нақлиёти худ низ мумкин аст расман, ҳамчун «ғайриқонуни ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт...» маънидод шавад» (саҳ.73).

Дар доираи омузиши аломатҳои объективии ҷинояти мазкур, инчунин пешниҳодҳои дигар барои такмил додани таркиби ҷинояти м.252 КҶ ҶТ манзур карда шудааст.

Дар боби 2 аломатҳои субъективии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф низ баррасӣ шудааст.

Субъекти ҷинояти м.252 КҶ ҶТ-ро таҳлил намуда муаллиф баён медорад, ки «ронандагони аз идораи воситаи нақлиёт дур карда нашуда, ки худсарона воситаи нақлиёти ба онҳо вобасташударо ҳай карда мебаранд, инчунин шахсони мансабдори корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, ки барои воситаи нақлиёт ваколатҳои идоракунии фаврӣ, истифода ё ихтиёрдорӣ карданро доранд ба сифати субъекти ҷинояти мазкур баромад карда наметавонад» (саҳ.115).

Таркиби ҷинояти дар қ.1 м.252 КҶ ҶТ пешбинишуда дорои таркиби расмӣ буда, он танҳо бо қасди бевосита содир мешавад. Шахс ба ҷамъият хавфнокии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиётро дарк менамояд, инчунин дарк менамояд, ки воситаи нақлиёти шахси дигарро, ки ба он ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ё ихтиёрдорӣ кардан надорад ҳай карда бурда истодааст (лаҳзаи зеҳнӣ) ва хоҳони муваққатан истифода бурдани чунин воситаи нақлиётро дорад (лаҳзаи иродавӣ).

Боби 3 масъалаҳои фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт

бидуни мақсади тасарруфро дарбар мегирад. Дар доираи ин боб аломатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунандаи таркиби ҷинояти м.252 КҶ ҶТ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Аз ҷумла муаллиф аломати вазнинкунандаи дар б «а» қ.2 м.252 КҶ ҶТ мустаҳкамшударо таҳлил намуда баён медорад, ки «якчандбор аз тарафи гунаҳгор истифода шудани воситаи нақлиёт, ки ӯ онро муваққатан ғайриқонунӣ ҳай карда бурдааст такроран ҳисобида намешавад, агар чунин кирдорро қасди ӯ дарбар гирифта бошад. Дар ҳолатҳое, ки вақте пас аз содир намудани ҷиноят гунаҳгор бо хоҳиши пинҳон доштани ҷиноят онро ба макони ҷойгиршавии аввалааш бурда расонида, пас аз он боз чунин воситаи нақлиётро ғайриқонунӣ ҳай карда барад, дар ин маврид такроран содир намудани ҷинояти мазкур ҷой дорад. Чунин тавзеҳот бояд дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф» аз 18 декабри соли 2009 №28 мустаҳакам карда шавад» (саҳ.120).

Зарур шуморида мешавад, ки нисбати таркиби ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф мафҳуми зарар ба миқдори калон ва миқдори махсусан калон ба таври алоҳида дар эзоҳ ба м.252 КҶ ҶТ муқаррар карда шавад. Бояд зикр намуд, ки расонидани зарар ба миқдори махсусан калон ҳамчун ҳолати вазнинкунанади ҷиноят аз мадди назари қонунгузор дур мондааст. Ҳол он ки дар дигар моддаҳои ҷиноятҳо ба муқобили моликият чунин аломат ҳамчун асоси фарқгузорӣ намудани ҷавобгарӣ муқаррар шудаанд (б «а» қ.4 м.245 КҶ ҶТ, б «б», қ.3 м.247 КҶ ҶТ ва ғайра). Аз лиҳоз зарур мешуморем, ки расонидани зарар ба миқдори калон дар қ.2 ва расонидани зарар ба миқдори махсусан калон дар қ.3 м.252 КҶ ҶТ мустаҳакам карда шавад (саҳ.133).

Муаллиф оид ба такмил додани аломатҳои дигари вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунандаи ҷинояти мазкур пешниҳодҳои дахлдор манзур намудааст.

Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф аз ҷиноятҳои дигар бо чунин аломатҳои худ фарқ мекунад: 1) аз дуздӣ ва дигар шаклҳои тасарруф бо ҷой надоштани аломати мақсади ғаразнок; 2) аз худсарӣ бо объекти таҷовуз ва хусусиятҳои тарафи субъективӣ; 3) аз расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё суйистифода аз боварӣ бо мавҷуд набудани аломати гирифтани молу мулк аз фонди молик, тавассути предмети таҷовуз, ҷой надоштани мақсади ғаразнок; 4) аз ҷинояти м.184 КҶ ҶТ (Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан ё ғасби ҳавопаймо, киштӣ ё қатори роҳи оҳан) вобаста ба объекти таҷовуз ва предмети ҷиноят.

Хулоса аз 22 банди аҳаммияти назариявӣ дошта ва 8 банди ба такмили қонунгузорӣ равонашуда иборат мебошад.

Дар хулосаи таҳқиқоти мазкур бо дарназардошти таҳлили ҳамаҷониба ва муқоисавии масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф, зарурати такмил додани м.252 КҶ ҶТ пешниҳод гардиданд. Хулосаҳои таҳқиқот заминаи назариявию амалиро барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фароҳам оварда ва ба беҳтар шудани сатҳи ҳифзи муносибатҳои моликиятӣ мусоидат намуда метавонанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои диссертатсия ба рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мусоидат менамоянд. Дар таҳқиқот масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори аввал аз дидгоҳи назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалия таҳлил шудааст. Хулосаҳои илмӣ имкон медиҳанд, ки фаҳмиши ягонаи табиати ҳуқуқии ин ҷиноят ташаккул ёбад ва мавқеи он дар низоми ҷиноятҳо ба муқобили моликият дақиқ гардад.

Аҳаммияти амалӣ дар он ифода меёбад, ки хулосаҳо ва тавсияҳои таҳқиқот метавонанд: дар соҳаи илмӣ-таҳқиқотӣ ҳамчун асос барои таҳияи минбаъдаи назарияи ҷавобгарии ҷиноятӣ истифода шаванд; дар фаъолияти ҳуқуқэҷоднамоӣ ҳангоми таҳияи тағйиру иловаҳо ба қонунгузории ҷиноятии амалкунанда ба кор бурда шаванд; дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқнамоӣ барои яксон сохтани амалияи судӣ нисбат ба чунин ҷиноятҳо истифода гарданд; дар таълим, ҳангоми дарсҳои фанни «Ҳуқуқи ҷиноятӣ» ва курсҳои махсус ҳамчун маводи ёрирасон истифода шаванд.

Аз нигоҳи иқтисодӣ, татбиқи дурусти тавсияҳои таҳқиқот метавонад ба кам гардидани сатҳи ҷиноятҳои вобаста ба воситаҳои нақлиёт мусоидат намуда, аз зарари молиявии шаҳрвандон ва ширкатҳои нақлиётӣ ҷилавгирӣ намояд. Ин, дар навбати худ, ба баланд бардоштани эътимод ба низоми адолати судӣ ва ҳифзи ҳуқуқи моликият таъсири мусбат мерасонад.

Аз ҷиҳати иҷтимоӣ, натиҷаҳои таҳқиқот барои таъмини амнияти ҷамъиятӣ ва таҳкими эҳсоси ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон муҳим мебошанд. Тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд ба паст шудани сатҳи ҷинояткорӣ, таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ мусоидат намоянд. Истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар низоми таълимӣ ва корҳои фаҳмондадиҳӣ метавонад ба ташаккули муносибати эҳтиромона нисбат ба қонун ва моликият дар ҷомеа мусоидат кунад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 9 мақолаи илмӣ, ки аз он 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додни дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ, имлоию грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар банди «г»-и пешниҳоди якум муаллифи диссертатсия изҳор медорад, ки «муайян намудани тарафи объективии ин ҷиноят тавассути ибораи «ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт» ё «рабудан» асоснокгар ба назар мерасад, зеро чунин шакли баён нисбат ба истилоҳи истифодашавандаи «ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт» дақиқтар ва мувофиқтар мебошад». Бо вуҷуди ин, муаллиф чунин пешниҳоди худро ба таври кофӣ асоснок накардааст. Ба андешаи мо, ибораи «ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт» нисбат ба истилоҳи амалкунандаи «ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт» мафҳуми васеътар дошта, метавонад ҳолатҳои дигар, аз ҷумла ғайриқонунӣ харидан, соҳиб шудан ва дигар шаклҳои ба даст овардани воситаи нақлиётро низ дар бар гирад. Ибораи «рабудан» бошад, бештар бо мафҳуми тасарруф алоқаманд буда, табиати ҳуқуқии дигар дорад. Аз ин рӯ, иваз намудани ибораҳои зикршуда дар моддаи 252 КҶ ҶТ бо чунин тарз, ба назари мо, асоснок ба назар намерасад.

2. Дар ҳамон пешниҳоди якум муаллиф, ҳамчунин, таъкид менамояд, ки «барои ҳифзи воситаи нақлиёт ҳамчун ҷиноят бар зидди моликият муҳим на ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан, балки ғайриқонунӣ соҳиб шудан ба он мебошад». Бо чунин андеша пурра розӣ шудан мушкил аст. Зеро ҳангоми содир шудани ҷинояти пешбинишуда дар моддаи 252 КҶ ҶТ шахси ҷабрдида на ҳуқуқи соҳиб шудан, балки ҳуқуқи истифода ва ихтиёрдорӣ аз воситаи нақлиётро муваққатан аз даст медиҳад. Аз ин лиҳоз, «ғайриқонунӣ соҳиб шудан» ба воситаи нақлиёт ин ҷиноятро бештар ба тасарруф монанд месозад ва бо моҳияти ҳуқуқии ҷинояти дар моддаи мазкур пешбинишуда пурра мувофиқат намекунад.

3. Дар рисола ҳангоми таҳлили қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ муаллиф ба хулоса меояд, ки ғайриқонунӣ истифода бурдани молу мулки дигари арзишнок низ бояд криминализатсия карда шавад. Бо вуҷуди ин, чунин хулоса дар нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшуда инъикоси возеҳ пайдо накардааст. Ғайр аз ин, дар таҳқиқот мушаххас нагардидааст, ки муаллиф зери мафҳуми «молу мулки дигари арзишнок» кадом навъ молу мулкро дар назар дорад. Аз ин рӯ, ба муаллиф тавсия дода мешавад, ки ин хулосаро дар раванди ҳимоя дақиқтар ва асоснoктар шарҳ диҳад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи макурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфии зиёд намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Абдусаломзода Ҷовид Абдусалом дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33,34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва
Тоҷикистон Абдуҳамитов В.А.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи, Сино, кӯчаи Бобоҷон Ғафуров,
21 Тел: (+992) 93-581-93-18 E-mail: valijon05@mail.ru

Имзои Абдуҳамитов В.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон Нуриддинов Ҳ.Ҳ.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, куч. М. Турсунзода, 30
Тел. (+992 237) 221-35-50
Факс.: (+992 237) 221-05-70
E-mail: p.rektora@mail.ru
www.rtsu.tj.ru

«10» ноябри 2025 сол